**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)**

Дар шароити муосир иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ дар таъмини рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа саҳми хеле калон мегузоранд. Дар ҷомеа ба вуҷуд омадани хизматрасониҳои электронӣ ва махсусан, ташаккулдиҳии ҳукумати электронӣ ва тиҷорати электронӣ маҳз дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ имконпазир мегарданд. Инчунин технологияҳои иттилоотӣ ва дастрасии доираи васеи одамон ба иттилоот имкони хубтару беҳтар ташаккул додани ниҳодҳои демократии ҷомеаро фароҳам овардааст. Аммо дар баробари ин, дар баъзе аз мавридҳо иттилоотро барои таъсири манфӣ расонидан ва амалӣ сохтани мақсадҳои сиёсию идеологӣ низ истифода менамоянд, ки дар чунин шароит ҳифзи фазои иттилоотии ҷомеа, ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иттилоот, баланд бардоштани фарҳанги иттилоотии шаҳрвандон, ба таври дуруст ба роҳ мондани истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва монанди инҳоро тақозо менамояд.

Аз ҳамин нуқтаи назар, рисолаи диссертатсионии Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович ба яке аз ҳамин гуна масъалаҳои муҳимми назариявию методологӣ ва амалии замони муосир бахшида шудааст. Воқеан, омӯзиши ҳамаҷонибаи ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини илми муосир ба шумор рафта, моҳиятан ифодагари ҳифзи шахсият, ҷамъият ва давлат аз ҳаргуна таҳдидҳо мебошад. Аз як тараф, равандҳои мухталифи ҳамгироии ҷаҳониву минтақавӣ тақозо менамоянд, ки ҳар як ҷомеаи замони муосир, махсусан ҷомеаҳои дар ҳоли рушд қарор дошта, бояд ҳамқадам ва қисмати муҳимми чунин равандҳо бошанд ва арзишҳои аслии чунин тамоилҳоро эътироф намоянд. Аз тарафи дигар, низоми давлатдории миллӣ наметавонад бидуни такя ба андеша ва афкори сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳанги таърихии миллати худ бунёд гардад. Зимни таҳқиқоти илмӣ, диссертант таҳлилу баррасии паҳлуҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ ва таъмини амнияти онро ба равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангии Тоҷикистон дар шароити муосир мавриди

омӯзиш ва таҳлил қарор дода, дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ моҳияти ин падидаи иҷтимоиро баррасӣ карда, омилҳои асосӣ ва унсурҳои муҳимми онро асоснок намудааст. Бо дарназардошти андешаҳои баёнгардида, натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки мавзуи кори диссертатсионии Нодирхонов Г.Г. дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Дар автореферати диссертатсия, ҳамоҳангӣ ва мувофиқати комили объект, предмет, мақсаду вазифаҳо бо навгониҳо ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи кори илмӣ ба назар мерасад. Истифодаи усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, умумимантиқӣ ва герменевтикӣ низ боис гардидааст, ки бандубаст ва хулосаҳои мантиқи дуруст ва арзишманд иброз шаванд. Навгониҳое, ки муаллифи диссертатсия пешниҳод кардааст, ба муҳтаво ва мазмуни кори илмӣ мувофиқ ҳастанд. Асосҳои назариявӣ, пойгоҳи эмпирикӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот хуб нишон дода шудааст. Маводи чопии муаллиф ба мазмуну муҳтавои кор алоқаманд мебошанд.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб ва шаш зербоб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддимаи автореферат, аҳамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди он ва робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ (лоиҳаҳо), объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, фарзияи таҳқиқотӣ, асосҳои назариявӣ, амалӣ ва методологии таҳқиқот, заминаи таҳқиқот, нововарии илмии таҳқиқот, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ, тасдиқ ва татбиқи натиҷаҳои диссертатсия, интишорот оид ба мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия асоснок карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти масоили ҷомеаи иттилоотӣ ва таъмини амнияти он дар илмҳои ҷомеашиносӣ» унвон гирифта аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввали он «Ҷомеаи иттилоотӣ: мафҳум, моҳият ва инфрасохтори он», диссертант дар асоси таҳлили таърифҳои мавҷуда бо такя ба осори таҳқиқотӣ ва усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ пайдоиш, ташаккул ва мавқеи ҷомеаи иттилоотиро нишон додааст. Диссертант инчунин ба хулосае омадаст, ки фақат илми фалсафа имкон медиҳад, ки табиати консептуалии ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун яке аз зуҳуроти воқеияти иҷтимоӣ фаҳмида шуда, моҳияти амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили муҳимми таъмини амнияти миллӣ ба пуррагӣ таҳлили воқеии худро пайдо намояд.

Дар зербоби дуюми боби аввал-«Масъалаи амнияти иттилоотӣ дар ҷомеаи иттилоотии муосир» қайд гардидааст, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ таъмини амнияти иттилоотӣ мақоми баландро касб мекунад. Дар асоси таҳлили адабиёти илмии мавҷуда, диссертант хулоса менамояд, ки амнияти иттилоотӣ ин падидаи

мураккаби инкишофи ҷомеаи муосир мебошад, ки барои ташаккули ҳамоҳангии ҷомеаи иттилоотӣ равона шудааст. Таъмини амнияти иттилоотӣ бошад, пеш аз ҳама, омӯзиши натиҷаҳои раванди истифодаи технологияи иттилоотӣ дар ҷомеа ва субъектҳои он буда, таҳқиқи сабабҳои зуҳуроти манфии онро талаб мекунад.

Зербоби сеюми боби аввал-«Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун омили муҳимми таъмини амнияти миллӣ дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир» номгузори шуда, қайд карда мешавад, ки дар оғози асри XXI дар воқеияти иҷтимоӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад, ки бо равандҳои ҷаҳонишавию модернизатсионӣ дар соҳаҳои гуногуни фазои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла воридшавии технологияҳои нави иттилоотӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ асоснок мешавад. Ба ақидаи диссертант, дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон кӯшиш менамоянд, ки намудҳои гуногуни низоми паҳнкунии иттилоотро дар Интернет истифода намоянд. Чунин амал дар Тоҷикистон низ бомаром идома дорад, зеро таъмини амнияти иттилоотӣ дар ҷомеаи мо дар рушду нумӯи он нақши муҳимро мебозад.

Боби дуюми рисола «Хусусиятҳои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистони муосир» бахшида шуда, таъкид шудааст, ки ташаккули васоити илмӣ-техникӣ ба рушди ҷомеаи инсонӣ, аз ҷумла ба Тоҷикистони муосир таъсири калони иҷтимоӣ расонида, дар натиҷаи он ҳолати иҷтимоии ҷомеа, сохтор ва муносибати байниҳамдигарии иҷтимоӣ ба куллӣ тағйир меёбад. Ҳамзамон, муаллиф зикр намудаст, ки таҳти таъсири технологияи иттилоотӣ дар кишвари мо шабакаи  Интернет дар фаъолияти ҳамарӯзаи одамон ва ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ба манбаи муҳимми стратегӣ табдил ёфтааст. Аммо ҳолатҳое низ ҳастанд, ки ба воситаи иттилоот таҳдиду хатарҳои гуногунро ба вуҷуд меоваранд. Аз ҷумла, таъсир расонидан ба шуури ҷамъиятӣ, ба воситаи шабакаҳои интернетӣ кӯшиши ташкил намудани инқилобҳои ранга, зуҳури терроризм ва экстремизми иттилоотӣ таҳдиду хатарҳое мебошанд, ки бар асари ин падида ба амал оварда мешаванд (саҳ.14).

Хулосаҳои пешниҳоднамуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои ба амаломада низ, дар асоси вазифаҳои муайяншуда ва ҳадафи кори диссертатсионӣ бадастомада, илман асоснок мебошанд.

Автореферати диссертатсияи Нодирхонов Г.Г. дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)», таҳқиқоти илмиву тахассусии баанҷомрасида мебошад ва дар асоси натиҷаҳои он заминаҳои назариявии дастовардҳои илмӣ ҳосил мегардад. Лекин бо баробари

ҷой доштани муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки чунин ишора мешавад:

1. Дар автореферати диссертатсия ибораҳои ҳаммаъно ба назар мерасанд. Беҳтар мешуд, ки танҳо мафҳуми амниятро истифода мебурданд, на бехатарӣ.

2. Дар автореферат шарҳи бисёре аз истилоҳоти душворфаҳм дар қавсайн нишон дода шудааст, ки хеле хуб аст, вале ибораҳои зиёди дигар бидуни шарҳ оварда мешавад. Масалан, калимаи «консептуалӣ» (С.10) ва «геоконфессионалӣ» (С. 16).

3. Дар автореферат ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ баъзан ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои комил гардидани ҳусни диссертатсия муҳим арзёбӣ мегарданд.

Бояд гуфт, ки эродҳои овардашуда ба арзиши илмии диссертатсия таъсир намерасонанд. Аз мазмун ва муҳтавои автореферат чунин бармеояд, ки диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)», ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) сазовор мебошад.

Тақриз дар асоси талаботи «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.

Муқарриз:
Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
кафедраи фалсафаи факултети сиёсат ва идораи
давлатии ДДБ ба номи Носири Хусрав Пиров А. К.

Суроға: шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,
тел: 904-35-36-22

Имзои н.и.ф, дотсент Пиров А.К.-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори ШК ва корҳои махсуси
ДД Б ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС